# 12207 - Кадоме беҳтар аст, тасбеҳу таҳмид ё дуруд бар паёмбар (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод)

**савол**

Кадоме савоби бештар дорад?

Гуфтани:

اللَّهُمَّ صَلِّ عَلَى مُحَمَّدٍ وَسَلِّمْ

**"Аллоҳумма салли ъало Муҳаммадин ва саллим".**

***(Эй Аллоҳ, ба Муҳаммад дуруду паём бифирист).***

Ё гуфтани:

سُبْحَانَ اللهِ وَبِحَمْدِهِ ، وسُبْحَانَ الله الْعَظِيم

**"Субҳоналлоҳи ва биҳамдиҳи, ва субҳоналлоҳил ъазим".**

***(Аллоҳ пок аст ва Ӯро ситоиш мекунам ва Аллоҳи бузург пок аст).***

**Ҷавоби муфассал**

Ҳамду сано барои Аллоҳ.

Ҳардуи онро ҷамъ менамоем. Дуруд бар паёмбар пеш аз дуо ва баъд аз дуо мустаҳаб аст. Ворид шудааст, ки дуруд бар паёмбар сабаби қабул шудани дуо аст. Инчунин гуфтани ин зикр:

سُبْحَانَ اللهِ وَبِحَمْدِهِ ، سُبْحَانَ الله الْعَظِيم

**"Субҳоналлоҳи ва биҳамдиҳи, субҳоналлоҳил ъазим".**

***(Аллоҳ пок аст ва Ӯро ситоиш мекунам ва Аллоҳи бузург пок аст).***

Расулуллоҳ (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) фармудааст, ки ҳардуи он аҷри зиёд доранд.